# СУРАТМАҶЛИСИ

**ҷаласаи муштараки кафедраҳои ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат, ҳуқуқи байналмилалӣ, ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодабарии сарватҳои табиӣ факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**23-юми январи соли 2023** **ш. Душанбе**

**Иштирок доштанд:** аз 17 нафар аъзои ҷаласаи муштараки кафедраҳои ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат, ҳуқуқи байналмилалӣ, ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодабарии сарватҳои табиӣ факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки дар асоси таъйиноти декани факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 10 январи соли 2023, таҳти №373 тасдиқ гардидааст, 13 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафарашон доктороии илм ба ҳисоб мераванд. Пешниҳод мешавад, ки маҷлиси муштараки кафедраҳо кушода эълон карда шавад. Марҳамат, ягон пешниҳоди дигар ҳаст? Нест. Қарор қабул карда шуд, ки маҷлиси муштараки кафедраҳо кушода эълон карда шавад.

## РӮЗНОМАИ МАҶЛИС:

Экспертизаи давраи дуюми диссертатсияи Раҳмонзода Абдулло Қурбоналӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои асосии ҳуқуқи моликияти коммуналӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ).

**Роҳбари илмӣ:**

Ғафурзода Абдухалил Давлаталӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муқарризони холис:**

**Маҳмадшозода Фарҳод Абдураҳмон** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муовини директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Қодиров Некруз Абдулмаҷидович** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Кӣ ба рӯзномаи ҷаласа тарафдор аст, хоҳишмандам мавқеатонро муайян намоед. Муқобил – нест. Бетараф – нест. Ҳама тарафдор мебошанд.

Сухан ба диссертант оид ба муҳтавои асосии диссертатсия дода мешавад. Марҳамат!

Раҳмонзода Абдулло Қурбоналӣ – баромад намуд.

**Раисикунанда:** Ба диссертант кӣ савол дорад? Марҳамат, устод Ғаюрзода Ш.К.

**Ғаюрзода Ш.К.:** Ташаккури зиёд, устод! Шумо мегуфтед, ки дар рафти таҳқиқоти рисолаи худ аз Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон то чӣ андоза истифода намудед? Чунки, Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аксари масъалаҳои мавзӯи мазкурро зери танзими бевосита қарор додааст.

**Раисикунанда:** Марҳамат, унвонҷӯ!

**Унвонҷӯ:** Саломат бошед, устоди гиромӣ! Албата! Мо ҳангоми омада намудани рисолаи хеш аз Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон васеъ истифода намудем, ки он дар Руйхати сарчашмаҳои истифодашуда зикр гардидааст.

**Раисикунанда:** Ба диссертант боз кӣ савол дорад? Марҳамат, устод Мирзозода П.З.

**Мирзозода П.З. Мухтарам унвонҷӯй Шумо дар рисолаи номзадии худ** таърихи пайдоиш ва рушди моликияти коммуналӣ дар Тоҷикистонро ба давраҳо тақсим намудед. Мехостам оид ба ин масъала фикри Шуморо фаҳмем.

**Раисикунанда:** Марҳамат, унвонҷӯ!

**Унвонҷӯ:** Ташаккури зиёд, устоди азиз! Бале, мо ҳангоми таҳияи рисолаи номзадии хеш таърихи пайдоиш ва рушди моликияти коммуналӣ дар Тоҷикистонро ба давраҳои зерин тақсим намудем:

– Даври якум (солҳои 1922–1994) аз эътирофи ин намуди моликият дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Шӯравии Федеративии Сотсиалистии Россия то қабул гардидани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 – уми ноябри соли 1994;

– Даври дуюм (солҳои 1994 – 1999) бо фаъолнокӣ ва нисбатан васеъ будани таъсисёбиву рушди моликият дар заминаи устувори моддию техникӣ фарқ мекунад. Дар ин давра ду хел тартиби ташаккулёбии моликияти коммуналӣ ба вуҷуд омад: а) дар заминаи моликияти тақсимшудаи давлатӣ; б) дар натиҷаи ислоҳоти низоми мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;

– Даври сеюм аз соли 2000 оғоз гардида, то айни ҳол давом меёбад ва хусусияти хоси моликияти коммуналии даври ниҳоӣ васеъ будани доираи рушди он баҳисоб меравад.

**Раисикунанда:** Боз савол ҳаст ба диссертант? Агар саволҳо набошад сухан ба роҳбари илмии диссертант дода мешавад: Ғафурзода Абдухалил

Давлаталӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (тақриз замима мегардад).

**Раисикунанда:** Сухан ба муқарризи холиси якум дода мешавад:

**Маҳмадшозода Фарҳод Абдураҳмон** – номзади илмҳои ҳуқуқшиноӣ, муовини директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (тақриз замима мегардад).

**Қодиров Некруз Абдулмаҷидович** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (тақриз замима мегардад).

**Раисикунанда:** Ба мубоҳиса мегузарем. Кӣ хоҳиши иштирок намудан дар муҳокимаи рисолаи илмиро дорад? Марҳамат устод Ғаюрзода Ш.К.

**Ғаюрзода Ш.К.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Воқеан ҳам муҳаққиқ ба мақсад ва вазифаҳое, ки дар назди хеш гузоштааст, ноил гаштааст. Мавзуи интихобкардаи унвонҷӯй, ки масъалаҳои асосии ҳуқуқи моликияти коммуналиро мавриди пажуҳиш қарор додааст, барои такмили минбаъдаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳалли масъалаҳои муҳими моликияти коммуналӣ мусоидат менамояд. Бинобар ин барои дифори рисолаи илми тавсия карда шавад.

**Раисикунанда: Боз кӣ дар муҳокима иштирок кардан мехоҳад?** Марҳамат устод Мирзозода П.З.

**Мирзозода П.З. –** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Дар ҳақиқат мавзуи интихобнамудаи унвонҷӯй дар шароити муосир мубрам мебошад. Мо дар кафедра муҳокима намудем баъзе аз камбудиҳое, ки дар рисола буд аз ҷониби муҳақиқ бартараф карда шудаанд. Бинобар ин, мо аз аъзои маҷлиси муштарак хоҳиш менамоем, ки унвонҷӯйро барои дифо намудани рисолаи номзадӣ дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дастгирӣ намоянд.

**Раисикунанда:** Боз кӣ хоҳиши иштирок кардан дар муҳокимаро дорад? Дигар хоҳишмандон нест?

**Раисикунанда:** Таҳқиқоти диссертатсияи Раҳмонзода Абдулло Қурбоналӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои асосии ҳуқуқи моликияти коммуналӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи граждaнӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои

ҳуқуқшиносӣ), мусбӣ арзёбӣ гардида, ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия карда шавад.

**Раисикунанда:** Кӣ ба хулосаи мазкур тарафдор аст. Марҳамат овоз диҳед. Муқобил, бетараф – нест. Қарор бо як овоз қабул шуд (хулоса замима мегардад).

**Раиси маҷлиси муштарак:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Раҳимзода М.С.

**Котиби маҷлиси муштарак:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қурбонов Қ.Б.

**Муқарризи №1:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
муовини директори Маркази миллии
қонунгузории назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадшозода Ф.А.

**Муқарризи №2:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
мудири кафедраи ҳуқуқи факултети
ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Қодиров Н.А.

**Имзоҳоро тасдиқ мекунам:**
**Сардори РК ва КМ ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**
**«23» ___январи___ 2023 с.**

**Имзои Маҳмадшозода Ф.А.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори Бахши кадрҳо ва коргузории**
**Маркази миллии қонунгузории**
**назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Фаттоев М.С.**
**«24» ___январи___ 2023 с.**